# ПРОТОКОЛИ № 16-и

чаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)

аз 10 майи соли 2025 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:**
11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, аз рӯи ихтисос 3 нафар доктори илм

аз 10 майи соли 2025, соати 13:00 дар толори Шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6.) ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 баргузор гардид.
Вақти анҷоми ҷаласа:15:20.

**Раис:** доктори илмҳои филологӣ, профессор Турсунов Ф.М.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ҳасанова Ш. Р.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 11 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 феврали соли 2023, № 18/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси вараки ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 11 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз онҳо 3 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташуаро баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна дар мавзуи «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)

Диссертатсия дар кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмии** довталаби дараҷаи илмӣ Нематуллоева Мавлуда Негматовна - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров мебошад.

**Муқарризони расмӣ:** Раҳмонова Наргис Шарифовна – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Комилов Мирато Миршаробович – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**БАРОМАД НАМУДАНД:**

1. Раиси шуро: Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич.
2. Котиби илмии Шуро: Ҳасанова Шаҳло Раҳмоновна.
3. Унвонҷӯ: Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна.

Диссертант Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна оид ба муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ҳозирин маълумот дод. Ба саволҳои аъзои Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Қосимов Олимҷон Ҳабибович, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ ва Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна ҷавоб дод.

Тақризи роҳбари илмӣ номзади илмҳои филологӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд Нематуллоева Мавлуда Негматовнаро котиби илмӣ қироат намуд.

Баромади муқарризони расмӣ:

1. Раҳмонова Наргис Шарифовна – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. Комилов Мирато Миршаробович – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ.

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Доктори илмҳои филологӣ Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна;
2. Доктори илмҳои филологӣ Каримов Шуҳрат Бозорович;
3. Доктори илмҳои педагогӣ Шербоев Саидбой;
4. Доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷабборова Марҳабо

5. Доктори илмҳои филологӣ, профессор Қосимов Олимҷон Ҳабибович;
6. Доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бӯрӣ.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии диссертант шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессор Қосимов Олимҷон Ҳабибович, доктори илмҳои филологӣ, дотсент Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна ва доктори илмҳли филологӣ, дотсент Матробиён Саодатшо Қосимзода интихоб гардиданд.

Аз 11 нафар аъзои шурои дар ҷаласа ҳузурдошта дар бахши овоздиҳӣ 11 нафар иштирок намуданд: аз инҳо 3 нафар доктори илм ва 2 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 11 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест.

Аъзои Шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) қабул гардид.

## ҚАРОРИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода

аз 10.05. 2025 ш. Душанбе

Суханронии Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ), тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, суханронии муқарризони расмӣ – Раҳмонова Наргис Шарифовна – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комилов Мирато Миршаробович – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ, муқарризони

ғайрирасмӣ доктори илмҳои филологӣ Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна, доктори илмҳои филологӣ Каримов Шуҳрат Бозорович, доктори илмҳои педагогӣ Шербоев Саидбой, доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна, доктори илмҳои филологӣ, профессор Қосимов Олимҷон Ҳабибович ва доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бӯриро шунида, баррасӣ карда, Шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна дар мавзуи «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна.ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаккик мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дода шавад;
4. Барои додани дипломи доктори фалсафа (PhD) ба Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори Шурои диссертатсионӣ муайан намуда, овоз диҳед.

Тарафдор 11 нафар Муқобил нест, Бетараф нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
д.и.ф., профессор Турсунов Ф. М.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, д.и.ф., дотсент Ҳасанова Ш. Р.

10-уми майи соли 2025